*№9754/7.1. аз 26.11.2013*

Мақомоти ҳудудии андоз
Нусха. Шӯъба ва бахшҳои
бақайдгирии давлатии
шахсониҳуқуқӣ ва
соҳибкорони инфиродӣ

***«Оид ба қатъ намудани фаъолият»***

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мурoҷиатҳои мунтазами андозсупорандагонро вобаста ба пешниҳоди маълумоти гумрукӣ ҳангоми қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, мавриди баррасӣ қарор дод.

Мутобиқ ба талаботи қисми 3 моддаи 30 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати гузаронидани санҷиши андози андозсупорандагоне, ки субъекти сохибкории хурд мебошанд, аз 10 рӯз зиёд буда наметавонад.

Бо мақсади сари вақт баррасӣ намудани мурoҷиати андозсупорандагон оид ба қатъ намудани фаъолият, ба мақомоти ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки ҳангоми баррасии чунин мурoҷиатҳоаз андозсупорандагони зерин пешниҳоди маълумоти гумрукӣ, маълумотномаҳо аз мақомоти омор ва ҳифзи иҷтимоиро **талаб нанамоянд:**

1.Андозсупорандагоне, ки бақайдгирии давлатиашон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19.05.2009, №508 амалӣ карда намешавад ва мақсад аз таъсисашон анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ намебошад (иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва диннӣ, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматии давлатҳои хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгарӣ);

2.Бонкҳо, ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ;

3.Филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии резидентии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4.Хоҷагиҳои деҳқонӣ, бе ташкили шахси ҳуқуқӣ;

5.Андозсупорандагоне, ки ба фурӯши яхмос, аудиҳо ва видео кассетҳо, нос, хизматрасониҳои варзишӣ, иҷораи молу мулк, истгоҳи автомобилӣ, сартарошӣ вадузандагӣ, таъмири воситаҳои нақлиёт, тайёр намудани пардаҳо ва тюл, косметикӣ, нусхагирӣ ва чоп намудан, таъмири мебел, машваратӣ, хизматрасонии компютерӣ, билярд, кирояи пушокиҳои тӯёна, пешниҳод тахтаи эълонҳо ва маълумот, корҳои оҳангарӣ, шоназании пахта, забҳ ва фурӯши гӯшт.

Ба мақомоти ҳудудии андоз супориш дода мешавад, ки ҳангоми анҷом додани санҷиши ҳуҷҷатии катъ намудани фаъолияти ин гурӯҳ

андозсупорандагон, метавонанд аз маълумотҳои гумрукии дар Махзани маълумотҳои Барномаи СИА «Баҳисобгирии андозҳо» ҷойгиршуда, истифода намоянд.

Ҳамзамон ба маълумоти мақомоти ҳудудии андоз расонида мешавад, ки бо назардошти талаботи фармоишиКумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.11.2013, №403 саҷиши қатъ намудани фаъолиятҳои дар бандҳои 2 ва 3 қайдшуда, дар мувофиқа бо Кумитаи андоз анҷом дода мешавад.

Раис Н.Давлатов